Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии М.Н. Муминзода яке аз мавзуъҳои мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ маҳсуб мешавад. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ буда, он аз тарафи давлат таъмин карда мешавад. Дар ин ҳолат ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии хизматчиени ҳарбие, ки аз рӯи даъват хизмати ҳарбиро адо мекунанд ва бо ин уҳдадории конститутсионии худро оид ба ҳимояи Ватан амалӣ мекунанд, ба маҳдудиятҳои ҷиддӣ дучор мешаванд. Дар ин шароит таҳқиқоти илмии назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ хусусияти хеле мубрам касб намудааст.

Муаллиф бо пуррагии методология, назария, меъёр ва усулҳои эмперикии таҳқиқотро ошкор кард ва инчунин, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи таҳқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муайян кардаанд, таҳия кард. Автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро

тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи автореферати диссертатсияро нишон медиҳад.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди конунгузории соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва конститутсионӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Хулосаҳо ва муқаррароти дар автореферат овардашуда навовариҳои илмӣ доранд, ки ба аҳаммияти дар боло зикршудаи проблемаи мавзуи илмӣ дар шароити тағйирёбандаи муосир дар бар гирифта, инчунин, муносибати консептуалии муаллиф ба уҳдадории ҳарбӣ, ки ба асоси арзиши ахлоқии он нигаронида шуда, дар асоси таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ муайян кардани тамоюлҳои ояндадор ва таҳияи асосҳои консептуалӣ ба даст омадааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти М.Н. Муминзодаро на танҳо таълимоти назариявӣ ғанӣ мегардонад, балки метавонад дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ, ки ба рушди институти уҳдадории ҳарбӣ вобаста аст, истифода шавад.

Таваҷҷуҳи муаллиф ба мушкилоти таносуби маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки бо институти уҳдадории ҳарбӣ вобаста ба бақайдгирии ҳарбӣ, даъват ва хизмати ҳарбӣ вобаста аст аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиш қарор гирифтааст (саҳ. 16-17).

Аммо, ба монанди ҳама гуна корҳои илмӣ, автореферати муаллиф баъзе ҷанбаҳои мубоҳисавӣ дорад, ки шарҳи муфассалро талаб менамояд:

1) пӯшида нест, ки дар тӯли якчанд сол баҳсҳо дар бораи бекор кардани уҳдадории ҳарбӣ хеле зиёд аст. Аз мундариҷаи автореферат ба

дурнамои таносуби услулҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ аз рӯи шартнома ва даъват чандон фаҳмо нест;

2) таҳлили таносуби маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои конститутсионии хизматчиёни ҳарбӣ, инчунин, кафолатҳои кофии қонунии чунин ҳуқуқҳо дар автореферат ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.

Шояд дар матни пурраи диссертатсия мушкилоти ба таври муносиб рӯшан карда шуда бошанд, аммо дар автореферат чунин камбудиҳо ба назар мерасанд. Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Хулосаҳои назариявӣ, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии дар рисола мавҷудбуда хусусиятиояндадор доранд. Онҳо метавонанд дар раванди таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шаванд. Муқаррароти алоҳида ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳам дар ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар таҳияи воситаҳои таълимӣ ва методӣ истифода шаванд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:**
Муовини ректор оид ба корҳои таълими
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Зокирзода З.Х.

**Имзои Зокирзода З.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.
« 14 » 09 2024 с.

**Суроға: ноҳияи Рашт, кӯч. Э. Муҳидинов, тел: (83131) 21103, (83131) 21099; (83131) 21081, (83131) 21103. E-mail: dot.rasht@mail.ru**